***ТКБ 8Т2***
***DOI:10.51844-2077-4990-2022-3-120-129***

# ИНЪИКОСИ СИМОИ ТЕМУРМАЛИК ДАР АШЪОРИ МУОСИРИ ҒИНОИИ ТОҶИК

***Бобоҷонова Мадина Ҳайдарҷоновна,*** *н.и.ф., сармуаллимаи кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷики МДТ "ДДХ ба номи акад. Б.Ғафуров"(Тоҷикистон, Хуҷанд)*

# ОТРАЖЕНИЕ ОБРАЗА ТЕМУРМАЛИКА В СОВРЕМЕННОЙ ТАДЖИКСКОЙ ЛИРИЧЕСКОЙ ПОЭЗИИ

***Бабаджанова Мадина Хайдарджоновна,*** *к.ф.н., старщий предподаватель кафедры методики преподавания таджикского языка и литературы ГОУ "ХГУ имени акад.Б. Гафурова" (Таджикистан, Худжанд)*

# REFLECTION OF IMAGE OF TEMURMALIK IN MORDEN TAJIk LYRIC POETRY

***Bobojonova Madina Haidarjonovna,*** *lecturer of the department of Tajik language and literature and its methods of teaching under the SEI "KhSU named after acad. B.Gafurov" (Tajikistan, Khujand),* ***E-mail****:missrustamova@mail.ru*

***Вожаҳои калидӣ:*** *Темурмалик, ашъори ғиноии шахсиятӣ, худшиносии миллӣ, ватандӯстӣ, қаҳрамониву диловарӣ*

*Мақола ба таҳқиқи "лирикаи персонажӣ" «шеъри ғиноии шахсиятӣ» бахшида шуда, дар он таҳаввулоти асосии ин навъи ашъор дар адабиёти замони истиқлолият баррасӣ гардидааст. Муаллиф дар заминаи таҳлили шеърҳои «Видои Темурмалик»-и Фарзона, «Темурмалик шудан муҳол аст», «Хуҷанди кӯҳна» ва «Урдугоҳ»-и Нурмуҳаммад Ниёзӣ, «Темурмалик»-и Низом Қосим ба бардоште расидааст, ки суханварон дар баробари зикри шахсиятҳои зиёди хизматнишондодаи ҷабҳаҳои гуногун, инчунин ба масъалаҳои сарнавишти таърихи миллат, ҳуввияти он, худшиносии миллӣ ва таърихӣ, ситоиши қаҳрамонии диловарони ватандӯст ва тарғибу ташвиқи дигар арзишҳои миллӣ даст задаанд. Қайд мешавад, ки симои таърихӣ ва корномаи қаҳрамононаи Темурмалик низ ҳамчун як ҷузъи ифтихори миллӣ дар шеъри муосири тоҷик ҷойгоҳи хоса пайдо намудааст. Темурмалик рамзи шуҷоату мардонагӣ, далерӣ, қаҳрамониҳои бемисл ва нотакрори мардуми тоҷик шинохта шуда, ҳамчун қаҳрамони миллӣ, нишон аз ифтихори ватандорӣ ва рамзи далерию шуҷоат тасвир гардидааст. Корнома ва ё зиндагиномаи Темурмалик ба хотири ибратомӯзӣ дар осори манзуми ғиноӣ омадааст.*

***Ключевые слова:*** *Темурмалик, личностная лирика, национальное самопознание, патриотизм, героизм и доблесть*

*Статья посвящена исследованию "персонажной лирики", "личностной лирики", а также динамики развития такого рода лирических сочинений в таджикской литературе периода независимости. Автор на основе анализа стихотворений таджикской поэтессы Фарзоны («Прощание Темурмалика»), поэтов Нурмухаммада Ниязи («Быть Темурмаликом не под силу», «Старый Худжанд» и «Стан»), Низама Касима («Темурмалик») приходит к выводу, что стихотворцы наравне с отображением образов выдающихся исторических личностей затрагивают вопросы исторического пути таджикского народа, его менталитета, особенностей национального самопознания, прославления героических поступков истинных сыновей отечества и, тем самым, популяризации национальных ценностей. В статье подчеркивается, что образ Темурмалика, чья самоотверженная борьба стала предметом национальной гордости, в современной таджикской поэзии занял достойное место. В поэтических сочинениях таджикских поэтов образ Темурмалика, являясь символом доблести, мужества и самоотверженности таджикского народа, служит примером высокого патриотизма и беззаветного служения Родине.*

***Key words:*** *Temurmalik, personality lyrics, national self-cognition, patriotism, heroism and valor*

*The article under consideration dwell on the study beset with "character lyrics", "personality lyrics" the dynamics of the development of such kind of lyrical literary productions in Tajik literature referring to the period of independence as well. Designing on the premise of an analysis in reference to the poems belonging to the pen of Tajik poetess being Farzona - "Farewell to Temurmalik", the following poets Nurmuhammad Niyazi-"Being Temurmalik is not within the Power", "Old Khujand" and "Stan" and Nizom Kasim - "Temurmalik", the author of the article comes to the conclusion that the men-of-letters are alongside with reflection of images of prominent historical figures, the formers touch upon questions concerned with the historical path of the Tajik people, their mentality, peculiarities of national self-cognition, glorification of the heroic deeds of the true sons of the fatherland, and thereby popularization*

*cial values as well. The author of the article lays an emphasis upon the idea that Temurmalik`s image, whose selfless struggle became the subject of national pride, has taken its rightful place in modern Tajik poetry. In the poetic works of Tajik poets, Temurmalik`s image being as a symbol of valor, courage and selflessness of the Tajik people, serves as an example of high patriotism and selfless service to the Motherland, upon the whole.*

Назарияпардози рус Поспелов Н.Г. дар китоби «Лирика среди литературных родов» истилоҳи «лирикаи персонажӣ»-ро барои ифодаи мафҳуми шеъре ба кор бурдааст, ки дар он шахс ва ё ҳодисае мавриди андешаю эҳсосоти шоир қарор гирифта, дар қиёс бо шахсиятҳои осори ҳамосӣ ва драмавӣ фарқ мекунад [6, с.150-156]. Чунин шеърҳо аз лиҳози ҳаҷм хурд буда, дар онҳо воқеа ва раванди инкишофи ҳодисаю воқеаҳо мавқеъ надоранд, балки бештар таассуроти шоир нисбат ба шахсият баён мегардад. Чунин навъи шеърро мунаққид ва адабиётшиноси тоҷик Аскар Ҳаким «шеъри ғиноии шахсиятӣ» унвон карда, дар адабиёти гузаштаю имрӯзаи тоҷик ривоҷи комил доштани онро таъкид мекунад [9]. Воқеан ҳам, аз шеъри «Бӯи Ҷӯи Мӯлиён»-и Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, ки дар ситоиши Нӯҳи Сомонӣ суруда шудааст, ашъори мадҳиявию марсиявии фаровони адабиёти гузашта, ки дар қолабҳои гуногуни шеърӣ гуфта шудаанд, ҳама ҷузъи шеъри ғиноии шахсиятӣ мебошанд, ки дар онҳо корнома, сифат ва хислатҳои ашхоси муайян баён гардидаанд. Дар замони шӯравӣ низ чунин шеърҳо дар ситоиши сарварони аввали давлат, симоҳои барҷастаи давлатию сиёсӣ (монанди В.И. Ленин, Сталин), адабию фарҳангӣ (Пушкин, Горкий, Пабло Неруда, Айнӣ, Турсунзода ва диг.), қаҳрамонони Ҷанги Бузурги Ватанӣ (Ҳодӣ Кенҷаев, Тӯйчӣ Эрйигитов, Тешабой Одилов), пешқадамон ва фидоиёни ҷабҳаҳои гуногун (Юрий Гагарин, Талбак Лолаев, Набӣ Акрамов), қаҳрамонони меҳнати сотсиалистӣ (Саидхоҷа Ӯрунхоҷаев, Миралӣ Муҳаммадалиев) ва дигарон гуфта шуда ва дар онҳо ғояву ормонҳои замон тарғибу ташвиқ гардидаанд.

Чунин шеърҳо, ки ҳамчун баёни эҳтироми шоир ба шахсиятҳои алоҳида гуфта шудаанд, дар эҷодиёти шоирони баъдӣ низ идома ёфтанд. Чунончи, ашъори Муъмин Қаноат «Дар саҳифаи офоқ» (Ба Рӯдакӣ, соли 1958), «Эй шоири Сомон» (Ба Фирдавсӣ, 1959), «Ба Манолис Глезос» (роҳбари озодихоҳони Юнон, 1961), «Дӯстам» (Ба Пӯлод Толис, 1962), «Барои ҳурмати мӯи сафедаш» (Ба Мирзо Турсунзода, 1963), «Шеъри қазоқ» (Ба Олжас Сулаймонов, 1963), «Дар сӯгвории устод Осимӣ» (1995), «Биё» (Ба Бурҳониддин Раббонӣ), «Ки Масъуд зодааст чархи баринаш» ва «Тарҳи Зобул» (эҳдо ба Аҳмадшоҳи Масъуд, 1995), «Барои Лоиқ Шералӣ» (соли 2000), ашъори Лоиқ Шералӣ – «Хайём», «Гӯри Дониш дар куҷост?», «Қитъаи шеър» (Ба Мирзо Турсунзода), «Рӯҳи Неҳру»,(Ба Ҷавоҳирлаъл Неҳру), «Сатрҳои нотамом» (ба Ҳабиб Юсуфӣ), «Айнӣ», (ба Садриддин Айнӣ) дар ашъори Бозор Собир – «Дарахти шеър» (Барои Муъмин Қаноат), «Муҷассамаи Айнӣ» (ба устод Айнӣ), «Туро ҳамчун Бухоро дӯст медорам» (Ба Ҷалол Икромӣ), «Барои Раҳим Ҳошим», «Барои Лоиқ» ва ғайра намунаҳое аз ашъори ғиноии шахсиятӣ мебошанд, ки дар қолабҳои гуногун навишта шудаанд.

Дар адабиёти замони истиқлол, бахусус ин навъи шеър тамоюли нав пайдо карда, беш аз пеш вусъат гирифт. Шоирон дар баробари зикри шахсиятҳои зиёди хизматнишондодаи ҷабҳаҳои гуногун, инчунин ба масъалаҳои сарнавишти таърихи миллат, ҳувияти он, худшиносии миллӣ ва таърихӣ бо падидаҳои гуногунаш, ситоиши қаҳрамонии диловарони ватандӯст ва тарғибу ташвиқи дигар арзишҳои миллӣ даст заданд.

Аслан чунин намуди шеър ва руҷӯъ ба таъриху фарҳанги гузашта аз солҳои шастуми асри XX, баъди ба майдони адабиёт қадам гузоштани шоирон Мӯъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Гулрухсор, Қутбӣ Киром, Гулназар ва дигарон бештар рушд карда, боиси таҳаввули рӯҳияи худшиносии миллӣ дар адабиёт гардид. Аз ҷумла, шеърҳои дар бораи шахсияти Борбад, Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Сино, Хайём, Аҳмади Дониш, Айнӣ, Мирзо Турсунзода, Муҳаммадҷон Шакурӣ ва дигарон навиштаи Лоиқ Шералӣ саршор аз рӯҳияи худшиносӣ ва гиромидошти шахсиятҳои фарҳангии миллат буда, барои тарбияи ватандӯстию миллатпарварии мардум хизмат намудаанд.

Дар баробари ин, як рукни муҳими шеъри ғиноии шахсиятиро руҷӯъ ба таърихи миллат ва корнамоиҳои шахсони асотирӣ, фарҳангӣ, сиёсию таърихӣ ташкил додааст, ки силсилаи шеърҳои «Илҳом аз «Шоҳнома», «Тоҷикистон – кишвари ман», «Оли Сомон»-и Лоиқ Шералӣ, «Теғи Сино», «Аҳмади Дониш», маҷмӯаи шеърҳои «Масъуднома»-и Бозор Собир намунаҳои он мебошанд. Дар ин шеърҳо на танҳо симои шахсиятҳо, балки роҳҳои расидан ба маърифат, шинохту гиромидошти ватан ва фарҳанги миллӣ, ормонҳои миллату давлат таблиғу ташвиқ гардидаанд. Дар хусуси махсусиятҳои адабиёти тоҷикӣ дар солҳои 60-ум адабиётшинос Муҳаммадҷон Шакурӣ таъкид мекунад: «Аз солҳои шаст дар адабиёти шуравӣ, аз ҷумла дар адабиёти форсии тоҷикӣ моддигароӣ ва назари иҷтимоии синфӣ (табақотӣ) каме коста,

масъалаҳои маънавият ва ахлоқ бештар аҳаммият пайдо кард. Як падидаи маънавиятчӯӣ ин буд, ки дар шеъри форси тоҷикӣ мавзуи худшиносии миллӣ, аз ҷумла худшиносии таърихӣ мавқеи басазо ёфт. Ин мавзуъ солҳои баъд пайваста аз паҳлуҳои нав баррасӣ шуда, солҳои навад, дар даврони истиқлол дар шеър мавзуи асосӣ шуд» [2, с.434].

Симои таърихӣ ва корномаи қаҳрамононаи Темурмалик низ ҳамчун як ҷузъи ифтихори миллӣ дар шеъри муосири тоҷик ҷойгоҳи хоса пайдо намудааст. Дар шеъри шоирони муосир Темурмалик рамзи шуҷоату мардонагӣ, далерӣ, қаҳрамониҳои бемисл ва нотакрори мардуми тоҷик тасвир шудааст, ки новобаста ба нерӯҳои нокифояи хеш бо шуҷоату мардонагӣ ва дили саршор аз меҳри ватан бар зидди ғосибон муборизаи беамон мебарад. Ҳарчанд дар ин муборизаи нобаробар лашкари камшумори Темурмалик натавонист шаҳри Хуҷандро аз ҷанги муғулони хунхор дар амон нигоҳ дорад, вале бо далерию корнамоӣ, тадбиру хирад ва кордонии худ ин ваҳшиёни хунхори биёбониро дар тарсу ҳарос андохт. Бахусус, дар натиҷаи сохтани қаълаи обӣ ва киштиҳои зиреҳпӯш чанд муддат нерӯи муғулонро нигоҳ дошта, тавассути тадбир ва усулҳои чангии худ ҳазорон муғулро ба хоку хун оғушта намудани ӯ зевари китоби таърихнависони асримиёнагӣ гардидааст.

Хеле ҷолиб аст, ки достони корномаи Темурмалик фаротар аз китоби таърих дар асрҳои миёна ҳамчун рамзи мардонагию ватандӯстӣ вориди шеъру адабиёти бадеӣ гардида, симои ӯро чун қаҳрамони миллии мардуми форсизабон муаррифӣ намудааст. Бинобар ҳамин ҳам, дар шеъри суханварони муосир, бахусус шоироне, ки ба корномаи бузурги таърихии Темурмалик ишора кардаанд, симои ӯ дар заминаи воқеоте офарида шудааст, ки аз китоби муаррихони асримиёнагӣ сарчашма мегирад.

Инъикоси ном ва корномаи Темурмаликро дар осори манзум ба тариқи зерин мушоҳида кардан мумкин аст:

*1. Номи Темурмалик ҳамчун қаҳрамони миллӣ нишон аз ифтихори ватандорӣ ва рамзи далерию шуҷоат истифода гардидааст.*

Дар ин сурат, ҳар вақт суханварон аз бузургдошти ватан ва арзишҳои он сухан ба миён меоранд, номе аз шахсиятҳои қаҳрамонро тариқи мисол зикр мекунанд. Чунончи, Лоиқ дар шеъри «Хоки Ватан» аз қаҳрамонии Деваштич, ки қурбони ноҷавонмардиҳои даврон гардидааст, чунин ёд мекунад:

***Хоки ту***
***Бо сари пуришӯри Деваштич то Бағдод рафт.***
***Он сари аз тан ҷудо,***
***Аз ту ҷудо***
***Бо дод аз бедод рафт*** *[11, с.207]*

Ин суханвари мумтоз дар шеъри «Рӯди Сир», ки дар он аз шаҳомату шукӯҳ ва зебоии дарёи Сир сухан меронад, номи Темурмаликро низ ҳамчун каҳрамони миллии тоҷикон зикр кардааст:

***Дарёи Сайҳун меравад,***
***Дар дил шабохун меравад,***
***Ранги ғазалҳои Камол***
***Бо чанд мазмун меравад.***
***Дар ҳасрати Темурмалик***
***Аз синааш хун меравад*** *[11, с.414].*

Дар пораи мазкур аз мафҳумҳои «дарёи Сайҳун» ва «ғазалҳои Камол» оҳанги ифтихор, вале аз зикри номи Темурмалик оҳанги таассуфи пур аз ҳасрат аз гардиши айём эҳсос мегардад, ки ба воқеияти таърихии муқовимати нобаробар ва нокомонаи ин шахсияти таърихӣ иртибот дорад. Аз ин лиҳоз, номи Темурмалик дар шеъри шоирони муосири тоҷик аз ду дидгоҳ – яке ифтихор ва дигаре таассуф бар хиёнату фоҷиае, ки бар сари ӯ омад, мавриди истифода қарор гирифтааст, афкору андеша низ аксаран дар атрофи ҳамин мафҳумҳо чарх мезанад. Чунончи, дар шеъри Аҳмадҷони Раҳматзод «Хиёнати Муҳаммади Хоразмшоҳ», на танҳо мафҳуми «хиёнат» дар номи шеър истифода гардидааст, балки шахси Темурмалик низ ҳамчун қаҳрамони аз хиёнати дигарон шикастхӯрда тасвир гардидааст:

***Бар тахти ховарон агар ояд Ҷалолиддин[?],***
***Темурмалик ҳамерасад – арвоҳи хунталаб.***
***Шамшери нур мехалад бар синаи шафақ,***
***Резад ба пойи тахти ғам хунобаҳои шаб*** *[7, с.340].*

Аҳмадҷони Раҳматзод дар ин шеър номи Темурмаликро бо мафҳуми «арвоҳи хунталаб» зикр кардааст, ки маънои «инсоне, ки қарзҳои хешро аз дунё наситонида ба рӯҳ мубаддал гардидааст, яъне вафот кардааст»-ро дорад. Ба ин маънӣ, шоир ба нокомӣ ва шикасти

Темурмалик дар ин муборизаи хуношом ишора кунад ҳам, мафҳуми зикрнамудаи ӯ дар адабиёти тоҷик нав нест: ибораи «арвоҳи хунталаб» ба маънои «рӯҳи ноумед» як навъ баҳрабардории шоир аз шеъри «Арвоҳи домангир»-и Лоиқ Шералӣ мебошад:

***Мепарад рӯҳи Рустами дастон,***
***Ҷониби мулки умри ҷовидон.***
***Рӯҳи Таҳмина – рӯҳи домангир***
***Мепарад аз кафош бо таъхир*** *[12, с.531]*

Дар шеъри «Магар шаҳри Хуҷанд ин ҷо?» шоир Озод Аминзода бо ифтихор аз шукуфоии зодгоҳ дар қатори дигар бузургони Хуҷанд, аз қабили Камоли Хуҷандӣ, Маҳастӣ, Асирии Хуҷандӣ ва Содирхони Ҳофиз - ҳар кадомеро бо сифати хоси худ ёд карда, боз ҳам аз Темурмалик бо сифати «марди майдон»-и ба орзу нарасида ёд меоварад:

***Агар соҳибкаромоте будам, ҳоло***
***Бузургони ҳамин шаҳри Хуҷандамро-***
***Камоли дар газал мумтози давронро,***
***Ҳам он Темурмалики марди майдонро,***
***Маҳастии ба назди орзуи хеш оҷизро***
***Асирирову Содирхони Ҳофизро***
***Ақаллан як –ду соат зинда мекардам,***
***Ки то бинанд ин шаҳри гулистонро,***
***Далерии далерон, қудрати дастони инсонро,***
***Ба онҳо як ба як бо сарфарозиҳо***
***Сухан аз нақшаи имрӯзу ҳам оянда мекардам…*** *[ 1,с.199-200].*

Ба мушоҳида мерасад, ки шоир Озод Аминзода аз равзанаи дигаре ба зикри номи шахсиятҳои бузурги Хуҷанд, аз ҷумла Темурмалик рӯ овардааст, зеро шеъри мазкур чун ашъори дигари дар бораи Темурмалик сароидашуда аз оҳангҳои яъсу ноумедӣ, таассуф ва ё оҳанги ифтихор аз диловариҳои фарзандони шуҷои ватан иборат намебошад. Азбазки шеъри мазкур дар даврони шӯравӣ таълиф гардидааст, қаҳрамони лирикӣ - ифодакунандаи рӯҳияи инсони хушбахт ва озоди ҳамон замон мебошад, ки ифтихор аз ватани озоду обод дорад. Ӯ ҳарчанд Камоли Хуҷандиро бо ибораи «дар ғазал мумтози даврон» ва Темурмаликро бо сифати «марди майдон» зикр менамояд, вале бо овардани мисраи «Маҳастии ба назди орзуи хеш оҷизро» ба асли ҳадафи худ, ки баёни муқоисаи замони гузаштаи Хуҷанд бо замони шӯравӣ ва нишон додани бартарии замони нав (замони зиндагонии қаҳрамони лирикӣ ва шахси шоир) роҳ ҷустааст. Аз ин лиҳоз, бо зикри номи «бузургони Хуҷанд», аз ҷумла Темурмалику Камоли Хуҷандӣ, Маҳастию Асирӣ ва Содирхони Ҳофиз шоир танҳо як орзу дорад: Мехоҳад, ин бузургонро «ақаллан як –ду соат зинда созад», то ки ин, ки маҳсули «қудрати дастони инсон»-и замони навро бубинанд. Шоир бунёдкорони ин «шаҳри гулистон»-ро бо мафҳуми «далерии далерон» ифода намудааст, ки зоҳиран ин муқоиса дар заминаи тафаккури муболиғаомези замони шӯравӣ ба вуҷуд омада, намунаи он дар манзумаи «Кремл»-и Лоҳутӣ ва муқобилгузории он бо «Харобаҳои Мадоин» ба мушоҳида мерасад. Аз ин лиҳоз, муроди шоир аз зикри номи Темурмалик таъкиди замони зиндагии ӯст, на васфи қаҳрамонии Темурмалик. Мақсади мо низ дар ин маврид бо нигоҳи интиқодӣ рӯ овардан ба шеъри Озод Аминзода нест, балки зикри ин нукта аст, ки шоир ҳамчун фарзанди замони худ аз дидгоҳ ва талаботи давр аз роҳи муқоисаи ду замон хостааст, пешравиҳои даврони худро нишон диҳад. Новобаста ба ин, Темурмалик дар шеъри мазкур ба ибораи «марди майдон» васф гардидааст, ки баёнгари эътирофи корномаҳои қаҳрамононаи ӯ мебошад.

Аммо дар шеъри шоири хуҷандӣ Темурмалик Рустамов номи Темурмалик бо оҳанги пур аз ифтихор зикр мегардад. Шоир ҳангоме, ки аз дӯст доштани ватан ва ҳифзу ҳимояи он сухан мегӯяд, худро боифтихор аз ворисони арзандаи Темурмалик арзёбӣ мекунад:

***Темурмалики хуҷандӣ авлоди ман аст,***
***Баҳри шарафи диёр мемирам ман.***

Дар чунин шеърҳо симои Темурмалик ҳамчун қаҳрамони ормонӣ, намои шуҷоату далерӣ ва устуворию матонати халқи тоҷик зуҳур намудааст.

*2.Шеърҳои алоҳидае, ки дар онҳо ҷузъе аз корнома ва ё зиндагиномаи Темурмалик ба хотири ибратомӯзӣ зикр гардидаанд.*

Дар бархе аз ашъоре, ки дар он номи Темурмалик зикр гардидааст, ҷузъе аз зиндагӣ ва ё корномаи ӯ ҳамчун унсури маъносоз мавриди истифода қарор гирифтааст. Дар шеъри «Видои Темурмалик»-и Фарзона охирин лаҳзаҳои Хуҷандро тарк кардани Темурмалик, ба чанги ғосибони чингизӣ даромада, ба макони айши «ваҳшиёни беамон» мубаддал гардидани шаҳри

Хуҷанд, бехонумон шудани мардум бар асари ин воқеоти шуму хонабарандоз ва ниҳоят бо ноумедиҳои зиёд тарки Хуҷанд кардани Темурмалик тасвир ёфтааст. Дар меҳвари андешаи шоир ҳамчунон андешаи ватандӯстӣ ва муҳаббати қаҳрамони шеър нисбат ба зодгоҳи худ дар мисоли ба худ бурдани як мушт хоки Ватан қарор гирифтааст. Зикр кардан бамаврид аст, ки тасвири ватандӯстӣ бо корбурди мафҳуми «хоки Ватан» дар адабиёти тоҷик аслан сухани тоза нест ва ҷузве аз очерки таърихии устод Садриддин Айнӣ – «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик»-ро ташкил додааст. Дар очерки таърихии Садриддин Айнӣ манзараи мазкур хеле самимӣ, муассир, ҷаззоб ва воқеӣ тасвир гардида, симои ватандӯстонаи Темурмаликро равшану барҷаста инъикос намудааст.

Боисти таъкид аст, ки баъди ба майдон омадани очерки устод Айнӣ «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик» мафҳуми «мушти хоки ватан» ҳамчун намунаи олии дӯст доштани меҳан дар ашъори ватандӯстона ва меҳанпарастонаи шоирон мавқеъ пайдо намуд, ки намунаи олии он «Хоки ватан»-и Шоири халқии Тоҷикистон Лоиқ Шералӣ мебошад. Вале шеъри Лоиқ Шералӣ дар қиёс бо ашъори шоирони дигари тоҷик, ки мафҳуми «хоки ватан»-ро истифода намудаанд, бо вусъати фикр, тарзи масъалагузорӣ ва ҳалли он тафовут мекунад, зеро Лоиқ ин мафҳумро ба рамз табдил додааст. Шоир бо ифтихор таъкид мекунад, ки агарчи Тоҷикистон сарзамини камзамин аст, вале хоки онро фарзандони бузургаш ба ақсои олам бурда, ватанро ба арзу тӯл васеъ кардаанд:

***Ҳар куҷо рафтанд онон,***
***Ё ба Макка, ё Мадина,***
***Ё гуреза аз ҳама тазвиру кина.***
***Мушти хокатро ба киса ёдгорӣ бурдаанд,***
***То агар рӯзе бимиранд аз қазо,***
***Дар гарибӣ бекасу беошно.***
***Хоки ту бошад нишони охирин.***
***Хоки ту бо сари пуршӯри Деваштич то Багдод рафт,***
***Он сари аз тан ҷудо, аз ту ҷудо,***
***Бо дод аз бедод рафт.***
***Хоки ту бо сари Рахшона то Юнон расид,***
***Бо ҳазорон нолаю афгон расид.***
***Бурд Сино то Ҳамадон хоки ту,***
***Монд он ҷо мушти хоки поки ту*** *[11, с.206-207]*

Дар шеъри мазкур агарчи зимни мафҳуми «Мушти хокатро ба киса ёдгорӣ бурдаанд», мафҳуми маъмулии «хоки Ватан» фаҳмида мешавад, дар мисраҳои минбаъда он ҷанбаи фарохтаре ба худ гирифта, мафҳумҳои ному овоза, шуҳрат ва вусъати маънавиро ифода намудааст. Зеро муроди суханвар аз мисраъҳои «Хоки ту бо сари пуршӯри Деваштич то Бағдод рафт», «Хоки ту бо сари Рахшона то Юнон расид» ва «Бурд Сино то Ҳамадон хоки ту» ифодаи вусъати ному шухрат ва овозаи кишвар тавассути фарзандони барӯманди он мебошад.

Шоири халқии Тоҷикистон Фарзона дар шеъри «Видои Темурмалик» бо истифода аз лаҳзаи ҳассосе, ки бешубҳа дар заминаи илҳом аз очерки устод Садриддин Айнӣ ба вуҷуд омадааст, дар заминаи дар маркази тасвир қарор додани симои Темурмалик ба офаридани шеъри ватандӯстона муваффақ гардидааст. Агар аз лиҳози сохторшиносӣ ба шеъри мазкур нигарем, он оҳанги иҷтимоӣ дошта, аз 14 байт иборат мебошад, вале дар байни абёти ин шеъри комил танҳо байтҳои 1, 3, 5 ва 7-ум мақсаду маром ва ҳадафи шоирро бар дӯш доранд. Абёти боқимонда, ки ба нақли як ҷузъи рӯзгори Темурмалик, яъне ҳангоми тарки Хуҷанд мушти хокеро бо худ бурдани ӯ ихтисос доранд, танҳо василае барои пайванди сухан ва ҷиҳати тақвияти андеша оварда шудаанд. Байти аввал манзараи умумии ноором ва фоҷеаи ватанро дар сурати ба киштии бар асари тӯфон сарнагунгардида ташбеҳ додани ватан ба тасвир гирифтааст:

***Киштии меҳан зи тӯфон сарнагун шуд,***
***Коми дарё лаб ба лаб аз ҷӯши хун шуд*** *[9, с.85].*

Тӯфони ҳаводиси рӯзгор киштии меҳанро ба коми худ мекашад ва дар натиҷа мавзеи тӯфон окандаи ҷӯши хун мегардад. Аммо ду байти баъдӣ комилан бо байти якум иртибот надоранд ва суханвар ба тасвири ҳолат, фазо вақти дигаре мегузарад: Подшоҳе ба тахтаи шикаста нишаста ба самти ороми соҳил равон аст, вале дар он канори соҳил шаҳри Хуҷанди ӯ дар тасарруфи бегонагон аст. Байти чорум тасвири ҳолати онҳоеро дарбар гирифтааст, ки дар ин айёми барои халқу миллат сарнавиштсоз нисбати тақдири ояндаи он бетафовут ҳастанд, зеро ба ибораи шоир «хуни гарми мардии онҳо фисурда» аст. Дар байти панҷум шоир боз ҳам ба

тасвири ҳолати Хуҷанд, ки айшгоҳи мардуми бегона гардидааст, мепардозад ва ба асли маблаб бозмегардад:

***Ё Худо, то кай дар ин дунёи гардон***
***Тоҷик андар марзи худ бехонумон аст?!*** *[9, с.85].*

Бешубҳа, дар ин байт манзараи бар асари ҷанги дохилӣ аз ватани худ гуреза ва бехонумон гардидани мардуми тоҷик баръало эҳсос мегардад ва хитоби шоир, ки дар ниҳояти ҳайрату тааҷҷуб аз Худост, мақсаду муроди ӯро равшан ба намоиш мегузорад.

Дар байти ҳафтум шоир дар бораи хомӯш гардидани «оташи қудсии Зардушт» сухан рондааст, ки он ба шукӯҳу фурӯғ, маънавият ва бузургии миллати тоҷик ишора мекунад, ки боиси зери хатар қарор гирифтани ҳама гуна муқаддасот ва арзишҳо мегардад. Ҳамин тариқ, агар абётеро, ки дар онҳо муроди марказии шоир гузошта шуда, дар боло роҷеъ ба онҳо изҳори андеша намудем, ҷудо намоем, дар сурати риояи қолабҳои сохторӣ, яъне риояи қофия онро ба сурати шеъри алоҳида пазируфтан мумкин аст.

***Киштии меҳан зи тӯфон сарнагун шуд,***
***Коми дарё лаб ба лаб аз ҷӯши хун шуд.***
***Дар гиребон мекашад сарро фурӯтар,***
***Он ки хуни гарми мардияш фасурда***
***Ё Худо, то кай дар ин дунёи гардон***
***Тоҷик андар марзи худ бехонумон аст?!***
***Мурда кайҳо оташи қудсии Зардушт,***
***Мекашад шаҳри варо зулмот бар ком…*** *[9, с.85].*

Тасвир дар шеъри мазкур аз лаҳзае оғоз мегардад, ки Темурмалик бар тахтапорае савор шуда, то ба соҳил мерасад. Акнун ба назари ӯ Хуҷанд монанди ёрест, ки бар дасти ағёр афтодааст:

***Лек он ҷо, андар он соҳил Хуҷандаш***
***Ҳамчунон ёрест, к-агёре рабуда*** *[9, с.85].*

Ин ҳолати варшикастагӣ Темурмаликро хеле рӯҳафтода намудааст, ӯ сари хешро ба гиребон дарунтар мекашад, то ин ки ба ҳеч куҷо нанигарад ва осори фоҷеаи аз муғулон ба ҷо мондаро набинад. Домани поки ин шаҳри қадимӣ олуда гашта, худ ба коми зулмоту торикӣ фурӯ рафта аст, ҳатто қалъаи сохтаи Темурмалик ҳам, ки бесоҳиб монда буд, монанди ҷомаҳои азодорон сиёҳфом метобад. Темурмалик аз тахтапораи шикаста хешро ба соҳил кашид, маствор мушти хоки гарму нарми ватанашро монанди ташнае, ки аз оби хушгувор рафъи ташнагӣ мекунад, бӯй кард. Ба димоғаш бӯйи шиноси атри гулҳову сабзаҳои Ватан расид. Даст фароз кард ва ҳамчун охирин ёдгории ватани азиз мушти хокеро чун ганҷ ба даст гирифт ва роҳи хешро идома дод. Ин охирин подошу дастранҷе буд, ки Темурмалик бо худ гирифта, ҳамчун фарзанди содиқ онро азизу гиромӣ медошт, охирин нишонае, ки ӯро дар ғарибӣ бо Ватан пайванд мебахшид.

Дар тасвири Фарзона Темурмалик ба роҳе меравад, ки дигар бозгашт надорад, ин роҳ ӯро ба маконе мебарад, ки дар он ҷо ин хоки муқаддас «дар гӯри ғарибаш бо ҷисми ӯ пайванд» мешавад.

Агар ба таври умум таваҷҷуҳ кунем, нигоҳи Фарзона ба ин масъала куллӣ аст, ӯ ба ҷузъиётҳои таърих, аз ҷумла, лашкар ҷамъ намуда, ҳамроҳи қаҳрамонони шуҷоъ дар сарзаминҳои дигар бо муғулон мубориза бурдани Темурмаликро таъкид намекунад. Зеро чунонки аз осори таърихӣ бармеояд, Темурмалик ҳангоми фирор аз ҷазираи обии худ бо киштиҳои зиреҳпӯши худ муғулҳои хунхорро ба ваҳшату ҳайрат андохта буд, вале дар шеъри Фарзона мо акси ин ҳолатро мушоҳида мекунем. Темурмалик аз қалъаи худ на бо киштиҳои зиреҳпӯш, балки савори тахтаи шикастае берун мешавад, ки ин матлаб агарчи бо гуфтаи муаррихони асримиёнагӣ созгор намеояд, як тасвири шоирона аз ин фоҷеаи мудҳиш мебошад.

Таваҷҷуҳ ба «Видои Темурмалик» нишон медиҳад, ки Фарзона дар сохтмони шеър ба чанд нукта, ки бунёди марказии асарро ташкил додаанд, диққат додааст:

- тасвири манзараи Хуҷанд пас аз ишғоли муғулон, ки дар он дигар аз оташи меҳру муҳаббати зиндагӣ нишоне намонда, шаҳр дар коми торикию ҷаҳлу зулмот мондааст;
- баёни харобкориҳо ва ваҳшиёнати муғулон дар Хуҷанд;
- тасвири рӯҳияи Темурмалики ноумеду шикастадил;
- ҳангоми видоъ мушти хоки муқаддаси Ватанро бо худ гирифтани Темурмалик.

Ҳамин тариқ, дар офаридани шеъри «Видои Темурмалик» Фарзона аз он ҳақиқати воқеӣ, ки дар китобҳои таърихӣ оид ба Темурмалик, аз ҷумла пас аз ишғоли Хуҷанд шаҳрро тарк намуда рафтани ӯ баён намудаанд, берун нарафта, лаҳзаи мушти хоки ватанро бо худ ба ёдгорӣ гирифтани Темурмаликро, ҳамчун нишони ватандӯстии ӯ баён намудааст. Мушти хоки

муқаддаси Ватанро барои қаҳрамон ҳамчун ганҷ ва охирин мукофоти захмату талашҳои ӯ арзёбӣ кардааст:

***Бар замин нохун бисуду берун овард,***
***Як кафи хоки ватанро ҳамчу ганҷе.***
***Ҷуз кафи хоке нашуд ӯро дар офоқ,***
***Охирин подоши ранҷу дастранҷе*** *[9, с.85].*

Шеъри Фарзона бо тасвири пурсӯзу лаҳни пур аз таассуф, ки саҳифаҳои пурфоҷеаи поёни зиндагӣ ва муборизаи Темурмаликро нишон медиҳад, хотима ёфта, ҳамин рӯҳия образи Темурмаликро дар назари хонанда равшан ҷилва медиҳад:

***Пас ба сӯи бекароне раҳ гирифт ӯ,***
***Дар кафаш хоке муқаддас ҳамчу фарзанд.***
***Хоки пайванде, ки дар гӯри гарибаш***
***Мешавад бо ҷисми ӯ пайванд, пайванд****…[9,с. 85].*

Дигар аз суханвароне, ки дар бораи қаҳрамониҳои Темурмалик шеърҳо эҷод намудааст, Шоири халқии Тоҷикистон Нурмуҳаммад Ниёзӣ мебошад. Дар ашъори ӯ се шеър - «Темурмалик шудан муҳол аст», «Хуҷанди кӯҳна» ва «Урдугоҳ» мавҷуданд, ки ба муносибатҳои гуногун аз Темурмалик ва корнамоиҳои ӯ, инчунин аз муборизаи қаҳрамононаи халқи тоҷик бар зидди муғулҳо ёд намудааст. Шеъри «Темурмалик шудан муҳол аст» аз шаш банди 4-5 байтӣ иборат буда, зоҳиран дар қофиябандии маснавӣ гуфта шудааст. Ҳар банди шеър бо мисраъ ва ё байти саволии марбут ба сифатҳои инсонӣ ва қаҳрамонии Темурмалик оғоз гардида, сипас муаллиф вобаста ба ҳамон савол бо чор ё панҷ байт ҷавоб медиҳад. Зимни саволи аввали «Темурмалик чӣ сурате дошт?» шоир Темурмаликро марди бузургқомати оҳанниҳод бо рӯйи офтобию чашми дарёии пур аз муҳаббат, ки нишон аз одамияти волои ӯ мекунад, тасвир кардааст:

***Темурмалик чӣ сурате дошт,***
***Паҳну бузург қомате дошт.***
***Рӯй офтобу чашм дарё***
***Оҳанниҳоди пурполо.***
***Нури ду чашми пурмуҳаббат***
***Пур аз нишони одамият.***

Шоир сифатҳои Темурмаликро на дар заминаи ишороти муаррихон ва кутуби таърихӣ, балки дар заминаи эҳсосу таассуроти шоирона - хоксор, покизамағз, боҳамийяту боҳиммат ва силаҳшӯр баён намудааст. Сухани шоир, ки «Девори қалъаи Хуҷанд ӯст» - мегӯяд, бешак бардошти шоир аз сухани таърихии Исмоили Сомонӣ аст, ки дар ҳифзи Бухоро баён дошта буд: «То зинда бошам, бораи шаҳри Бухоро ман бошам».
Қаҳрамони лирикии шеър, ки шахси шоир аст, аз он ифтихор мекунад, ки Темурмалик аз гузаштагони ӯст, аз ин рӯ мегӯяд:

***Бо ҳафт пушт хеши ман буд,***
***Ӯ зодаи ҳамин ватан буд*** *[4]*

Аз муҳтавои шеър маълум мегардад, ки он низ замоне иншо гардидааст, ки байни тоҷикон ҷангҳои шаҳрвандӣ идома дошт, аз ин рӯ, шоир бо ёдоварӣ намудани зиндагӣ, қаҳрамонӣ ва ватандӯстии Темурмалик мардумро ба ваҳдату муттаҳидӣ ва ватандӯстӣ даъват мекунад. Хулосаҳои зерини шоир дар робита ба оқибати ҷангу хунрезӣ, ки дар зер оварда мешаванд, исботи ҳамин андеша мебошад:

***Чун халқ байни худ биҷангад,***
***Мирад, бияфтаду билангад.***
***Тоҷик зи хеш поймол аст,***
***Темурмалик шудан муҳол аст.***

Дар шеъри «Хуҷанди кӯҳна»-и Нурмуҳаммад Ниёзӣ, ки моҳиятан ба муқоисаи дирӯзу имрӯзи ин шаҳри куҳанбунёд бахшида шудааст, низ аз Темурмалик ёд мешавад. Шоир ба харобаҳои деворҳои қадимаи ба хок яксоншудаи қалъаи Хуҷанд нигариста, аз ҳар хишти кӯҳна, гилу оби он маънӣ меҷӯяд, зеро онҳо шоҳиди бевоситаи рӯзҳои шодию ғам, куштору сӯхтор ва муборизаҳои ҷоннисоронаи мардуми ин шаҳри қадимбунёд мебошанд. Шоир ба таърихи фаротар аз замони муғул, бахусус ба он даврае, ки лашкари юнону мақдунӣ дар канори рӯди Сир шаҳри «Искандарияи ақсо»-ро бунёд мегузоранд, руҷуъ намуда, бо ин мақсад таърихи қадимаи шаҳри куҳанбунёдро ёдовар мешавад. Дар ин ёдоварии таърих шоир ба бунёди қалъаи мазкур, ки дар сохтмони он «хуни халоиқ», яъне ҳазорон фарзандони тоҷик рехтааст, ишора мекунад:

***Ту ҳастӣ охирин шаҳри Сикандар,***
***Туӣ ҷовид дар ин вусъатобод.***
***Гилу оби ту аз хуни ҳалоиқ,***
***Ва хишти туст аз Сангину Пӯлод*** *[5, с.19-20]*

Дар бунёди маънии абёти боло шоир ба офаридаҳои андеша ва тафаккури мардумӣ ишора кардааст, зеро дар байни мардуми Хуҷанд чунин ақидае мавҷуд аст, ки гӯё лашкариёни муғул барои мустаҳкам гардидани деворҳои қалъа аз мардуми маҳаллӣ онҳоеро, ки номҳои «Сангин» ва «Пӯлод»-ро доштанд, ҳамчун сангу хишт истифода намуданд. Бояд гуфт, ки дар офариниши чунин маънии шоирона Нурмуҳаммад Ниёзӣ агар аз як тараф андешаҳои фарҳанги омиёнаро истифода намуда бошад, аз ҷониби дигар, ба масъалаи дигаре таваҷҷуҳ намуда, бино гардидани чунин қалъаро натиҷаи ҷабру зулми ҳокимони замона донистааст. Агар дақиқтар таваҷҷуҳ намоем, агарчи шоир таърихи қадимӣ будани Хуҷандро дар мисоли қалъаи қадимаи канори шаҳр исбот карданӣ мешавад, вале мақсади асосии шоир танҳо зикри масъалаи мазкур нест, балки ба ин масъала бо дидгоҳ ва талаботи замони нав менигарад ва мегӯяд: «Ту шаҳри қадимӣ ҳастӣ, қалъаи қадимаи ту шоҳиди бисёр воқеаҳо, аз ҷумла бунёд гардидани шаҳри канории давлати Искандар аст. Ту шоҳиди он ҳастӣ, ки дар бунёди ту хуни ҳазорон халоиқ ва Сангину Пӯлод рехтааст. Вале дар хама давру даврон дар канори ту, ки рӯди Сир равон аст, ошиқон ба ҳамдигар розу ниёз мегӯянд». Дар шеъри мазкур ҳадди ақал шаш андеша дар канори ҳам баён гардидаанд:

1. Баёни қадимӣ будани Хуҷанд дар мисоли тасвири қалъаи он
2. Аз хуни мардуми бегуноҳ бунёд гардидани қалъаи Хуҷанд
3. Рӯзҳои сангинеро паси сар кардани Хуҷанд
4. Дар муборизаи зидди душманон нақши равшан гузоштани фарзандони зафарманди Хуҷанд
5. Ҳамчун шаҳри пурармон рӯзи накӯро [ки имрӯз дорад] танҳо дар хоб дидани Хуҷанд
6. Макони дилдодагон ва ошиқон будани канори рӯди Сир дар гузашта ва имрӯз

Агар мантиқан ба андешае, ки дар банди панҷум зикр гардид, таваҷҷуҳ намоем, равшан мешавад, ки қаҳрамони лирикӣ шахсест, ки дар замони осоиштагӣ ва осудахотирӣ қарор дорад. Ин қаҳрамон бешак зода ва парвардаи даврони шӯравист, зеро зимни аз гузаштаи Хуҷанд ёд овардан аз ҷаҳонбинии роиҷи он замон, яъне аз хуни халқи мазлум бино ёфтани қасру қалъаҳо (ки дар назири ин андешаро дар манзумаи «Кремл»-и Абдуқосим Лоҳутӣ низ мушоҳида мекунем) баҳра бардоштааст.

Гузашта аз ин, «ту мулки пурармон ҳастӣ ва ин рӯзҳои накӯро танҳо дар хоб ҳам дидаӣ» - гуфтани муаллиф низ ишора ба он мекунад, ки қаҳрамони лирикӣ шахси замони нав аст ва гузаштаро бо имрӯз муқоиса менамояд. Дар зимни ин муқоиса, ки мақсади асосии суханвар дар он нуҳуфтааст, мафҳуми «темурмаликон»-ро офаридааст, ки рамзи қаҳрамонони зафарпешаи Хуҷанд мебошад. Дар шеъри «Хуҷанди кӯҳна» моҳияти масъаларо андешаи фалсафии бо рангу тобишҳои нав такроршавандагии ҳодисаю воқеаҳои рӯзгор ташкил дода, ин андеша дар шеъри дигари шоир бо номи «Хуҷанди кӯҳна» ва «Урдугоҳ» низ идома ёфтааст.

Ончунонки аз номи шеър низ маълум мегардад, дар шеъри «Хуҷанди кӯҳна» шоир дар бораи аз байн рафтани Хуҷанди қадима сухан меронад, вале дар шеъри «Урдугоҳ» шоир ба қалъаи таърихии Хуҷанд ҳамчун рамзи ҷовидонӣ ва нишонаи қаҳрамониҳои гузаштагон муроҷиат менамояд. Шоир қалъаи таърихиро мухотаб қарор медиҳад ва ба ӯ ҳамчун ба як нафар қаҳрамони мубориз, ки дар канори Темурмалик камон ба даст гирифта дар пайкори зидди муғулони ғосиб корнамоӣ нишон додааст, муроҷиат менамояд:

***Чун ҳама тоҷики камонбардор,***
***Ту ҳам, Урду, камонбадаст будӣ.***
***Дур норафта ҳеҷ аз пайкор,***
***Дар задухӯрдҳо задӣ, хӯрдӣ*** *[5, с.8-9].*

Бо вуҷуди он ки нақши зиёди тири муғулон чун садҳо диловарони муборизи Хуҷанд дар ҷисму ҷони қалъа низ боқӣ монд, вале душман натавонист бар ин қалъаи таърихӣ зафар кунад, зеро он ба хок яксон нагашта то имрӯз дар миёнаи шаҳр ҳамчун рамзи ёдгорӣ аз он рӯзҳои мудҳиш боқӣ мондааст. Аз ин лиҳоз, қаҳрамони лирикӣ ба қалъа ҳамчун ба як қаҳрамон муроҷиат намуда мегӯяд:

***Ман кунун ҷониби ту менигарам,***
***Паҳлавони ҳазору як майдон.***
***Ҳар гаҳе аз бари ту мегузарам,***
***Рамзи халқам бигӯямат ба ҷаҳон*** *[5, с.8-9].*

Дар шеърҳои Нурмуҳаммад Ниёзӣ оҳангҳои ҳаётдӯстонаи пур аз ифтихор аз мубозизаи қаҳрамононаи Темурмалик ба равшанӣ эҳсос мегардад. Ниёзӣ ба қалъаи Хуҷанд ҳамчун ба «паҳлавони ҳазору як майдон», қаҳрамони зафарманд менигарад ва ӯро ҳамчун рамзи қаҳрамониҳои халқ маънидод мекунад, зеро ин қалъа ҳикояти қаҳрамониҳои гузаштагони пурифтихорро ба имрӯзиён расонидааст.

Шоири халқии Тоҷикистон Низом Қосим низ дар «Темурмалик» ном шеъраш ба гунаи дигар ба тасвири қаҳрамониҳои ин муборизи хуҷандӣ рӯй овардааст. Шеъри мазкур аз 12 байт иборат буда, шоир дар ибтидо нигоҳи кӯтоҳе ба таърихи каҳрамониҳо ва давлатдории тоҷикон меандозад ва аз истиқлолият ва озодӣ, ки дар заминаи ба арсаи таърих зуҳур кардани давлати Сомониёну Тоҳириён ва аз чанги арабҳо озод шудани Ватан ба миён омад, сухан мекунад:

***Чу озод шуд аз арабҳо Ватан,***
***Дамид андаке ҷони зебо Ватан.***
***Сарафкандагӣ чанде охир бишуд,***
***Зи авлоди Сомону Тоҳир бишуд*** *[3, с.473]*

Вале, ин озодию истиқлол дер давом намекунад, зеро «турктози муғул» даҳшати дигареро ба сари тоҷикон овард, муғулони чун ғули Чингиз ногаҳ чун мӯру малах шару шӯре бар сари мардум оварданд.

***Пас он турктозӣ сар овардашон,***
***Чу мургони бе болу пар кардашон…***
***Зи ҳоли бад аммо батар низ буд,***
***Мугулони чун гӯли Чингиз буд,***
***Ки ногаҳ чу мӯру малах рехтанд,***
***Шару шӯри бе мисл ангехтанд*** *[3, с.473].*

Шоир ин ҷо ду ҳодисаи таърихӣ – ҳамлаи аъроб ва ҳуҷуми муғулонро муқоиса мекунад ва воқеаи дуюмиро чун «шару шӯри бемисл» маънидод мекунад, зеро агарчи ғасбкориҳои аъроб барои миллати тоҷик харобиҳои маънаии фаровон овард, бар хилофи ҳамлаи муғул, ки мулкро комилан ба харобии гӯшношунид овард, шарофатҳое низ аз худ боқӣ гузошт:

***Ақаллан араб дину хат монда рафт,***
***Мугул мулкро пок афшонда рафт…****[3,с.473]*

Маҳз дар ҳамин ҷо андешаи шоир ба харобкориҳои муғулон гиреҳ мехӯрад: ҳодисаи дар дарёи Сири Хуҷанди бостонӣ садд бастани ғосибони муғул, ки дар пиндори шоирона *«занҷирбанд карда шудани Сир»* таъбир шудааст, нишони ғоратгарӣ ва хунхории шадиди онҳо бар зидди мардуми Хуҷанд арзёбӣ мегардад. Шоир аз ин воқеаи таърихӣ маънии шоирона мебардорад, зеро занҷирбанд кардани дарё, ки ҳамеша дар такопӯ ва шитоб аст, аслан имкон надошта бошад ҳам, камоли ҳамокат ва разолат ва кирдорҳои манфури муғулонро нишон медиҳад:

***Чунон душманӣ кард ҳам бо Хуҷанд,***
***Ки шуд рӯди Сир низ занҷирбанд…****[3,с.473]*

Шоир дар шеъри мазкур боре номи Темурмаликро зикр накарда, танҳо дар як маврид ибораи «хуҷандии мо»-ро корбаст кардааст:

***Бичӯшид хуни хуҷандии мо,***
***Ба по хестем аз барои газо,***
***Ба монанди чашмони бад фолашон***
***Басо танг кардем аҳволашон****…[3,с.473]*

Шоир сабаби шикасти лашкари Темурмаликро дар ин разми нобаробар аз фаровонӣ ва «чун мӯру малах беҳисоб» будани лашкари муғулон медонад:

***Чу мӯру малахро ҳисобе набуд,***
***Накард охир он азму он разм суд*** *[3, с.473]*

Дар заминаи ёд овардани корномаи Темурмалики қаҳрамон шоир ба натиҷаи судманде мерасад, ки он неъмати ба ҳам омадан, муттаҳид гардидан ва ба ваҳдат расидани мардумро дар ин муборизаи нобаробар нишон медиҳад:

***На, балки басо суд аз он азм монд,***
***Ки баҳри Ватан кӯшиши разм монд!***
***Магал бо мугул бо ҳам овардамон,***
***Барои Ватан ҷонфишон кардамон!*** *[3, с.473]*

Аз ин лиҳоз, шеъри «Темурмалик»-и Низом Қосим арзиши баланди маърифатӣ дошта, барои тарбияи худшиносӣ, ватандӯстӣ ва меҳанпарастии мардум хизмат менамояд.

Ҳамин тариқ, шеъри ғиноии шахсиятӣ аз солҳои шастуми асри XX рушд карда, дар онҳо ғояву ормонҳои замон тарғибу ташвиқ гаштааст. Бештар таассуроти суханвар нисбат ба корнома, сифат ва хислатҳои ашхоси таърихӣ, сарварони давлат, симоҳои барҷастаи давлатию сиёсӣ баён гардидаанд. Рӯҳияи худшиносӣ ва гиромидошти шахсиятҳои фарҳангии миллат барои тарбияи ватандӯстию миллатпарварии мардум хизмат намудаанд. На танҳо симои шахсиятҳо, балки роҳҳои расидан ба маърифат, шинохту гиромидошти ватан ва фарҳанги миллӣ, ормонҳои миллату давлат таблиғу ташвиқ гардидаанд. Симои таърихӣ ва корномаи қаҳрамононаи Темурмалик низ ҳамчун як ҷузъи ифтихори миллӣ дар шеъри муосири тоҷик ҷойгоҳи хоса пайдо намудааст.

## ПАЙНАВИШТ:


1. Аминзода, О. Дунёи дил/О.Аминзода.–Хуҷанд: Нашриёти давлатии ба номи Раҳим Ҷалил, 2003.- 296 с.
2. Бухороӣ, М. Нигоҳе ба адабиёти тоҷики садаи **XX**/М.Бухороӣ.- Душанбе: Пайванд, 2006.- 455 с.
3. Қосим, Низом. Аз ассалом то вассалом/Н.Қосим.–Душанбе: Истеъдод, 2014. - 864 с.
4. Ниёзӣ, Н. Аз ҳама дур/Н.Ниёзӣ.- Хуҷанд: Нашриёти давлатии ба номи Раҳим Ҷалил, 1995
5. Ниёзӣ, Н. Санги сабз. [Маҷмӯаи шеърҳо]./Н.Ниёзӣ.–Душанбе,Ирфон, 1983. – 96 с.
6. Поспелов, Н. Лирика среди литературных родов/Н.Поспелов.-Москва: МГУ, 1976. – 228 с.
7. Раҳматзод, А. Ашки мармар/А.Раҳматзод.- Хуҷанд: Нашриёти давлатии ба номи Раҳим Ҷалил.-2002.- 424 с.
8. Таджибаев Ш.Г. Некоторые размышления о стихотворении Фарзоны «Прощание Темурмалика»/Ш.Г.Таджибаев, Бободжанова М.Х.//Актуальных исследования.- 2019.-№3(3).- С.39-42
9. Фарзона. Ҳама гул, ҳама тарона/Фарзона.- Иборат аз 2 ҷилд. – Хуҷанд: Хуросон-Медиа, 2014. Ҷилди 1. - 499 с.
10. Ҳаким, А. Вежагиҳои анвои шеъри ғиноӣ (дар мисоли шеъри ғиноии тоҷикии нимаи дуюми асри XX). Маҷмӯаи осор. Иборат аз ҳафт ҷилд. Ҷилди 3. -Хуҷанд: Ношир, 2017. - 510 с.
11. Шералӣ, Л. Хонаи дил/Л.Шералӣ. - Душанбе: Ирфон, 1986. - 465 с.
12. Шералӣ, Л. Куллиёт. Иборат аз ду ҷилд. Ҷилди 1. Ашъор/Л.Шералӣ. – Душанбе, Адиб, 2008. - 560 с.


## REFERENCES:


1. Aminzoda, O. The world of the heart/O.Aminzoda.-Khujand: State publishing house named after Rahim Jalil, 2003.- 296 p.
2. Bukharai, M. A look at Tajik literature of the 20th century / M. Bukharai. - Dushanbe: Paivand, 2006. - 455 p.
3. Kasim, Nizam. From peace to peace/N. Kasim.-Dushanbe: Talent, 2014. - 864 p.
4. Niazi, N. Far away/N.Niyazi.- Khujand: State publishing house named after Rahim Jalil, 1995
5. Niazi, N. Green stone. [Collection of poems]./N. Niazi. - Dushanbe, Irfan, 1983. - 96 p.
6 Pospelov N. Lyrics among literary sorts. - M: Publishing house of the Moscow university, 1976. - 228 p.
7. Rahmatzod, A. Ashki marmar/A. Rahmatzod.- Khujand: State publishing house named after Rhim Jalil.-2002.- 424 p.
8. Tojiboev SH.G. Some Reflections concerned witn the poem entited “Farewell pf Temurmalik” dy Farzona/ SH.G. Tojiboev, M.H.Bobojonova//Topicfl research.-2019.-№3(3)-P.39-42.
9. Farzona. All flowers, all songs/Farzona.- Contains 2 volumes. – Khujand: Khorasan-Media, 2014. Volume 1. - 499 p.
10. Hakim, A. Peculiarities of the genre of blasphemous poetry (in the example of Tajik blasphemous poetry of the second half of the 20th century). Collection of works. It consists of seven volumes. Volume 3. - Khujand: Publisher, 2017. - 510 p.
11. Sherali L. Heart of the heart/L. Sherali. - Dushanbe: Irfan, 1986. - 465 p.
12. Sherali, L. Kulliyot. It consists of two volumes. Volume 1. Poems/L. Sherali. - Dushanbe, Adib, 2008. - 560 p